Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Дар идоракунии давлатӣ соҳаи сайёҳӣ ҳамчун падидаи нав руйи кор омада, иқтисоди ҷаҳон аз танзими хизматрасониҳои сайёҳӣ дар самти рақамикунонӣ ва иқтисоди рақамӣ рушд ёфта, соҳаи сайёҳӣ яке аз бахшҳои калидӣ ва афзалиятноки иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дорои захираҳои фаровони табиӣ, мероси таърихию фарҳангӣ ва иқтидори баланди сайёҳӣ, дар солҳои истиқлоли давлаатӣ ба рушди ин соҳа таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» (2020), Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030 заминаҳои ҳуқуқии рушди соҳаро мустаҳкам менамоянд. Дар ин замина, ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бахш, аз ҷумла, масъалаҳои ташкил, фаъолият, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти онҳо, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Муаллиф мубрамияти мавзуъро бо зарурати такмили қонунгузорӣ, набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ, зарурати ҳамоҳангсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон асоснок намудааст.

Нақши аҳаммияти назарявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф нахустин бор дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ»-ро ҳамчун падидаи нав дар илми ҳуқуқшиносӣ муайян муайян, хусусиятҳои фарқкунандаи

онро аз дигар субъектҳои соҳибкорӣ асоснок намудааст. Ҳамчунин, ҷудокунии ҳуқуқ ва ухдадориҳои ташкилотҳои мазкур ба се гурӯҳи асосӣ, аз ҷумла, умумӣ, махсуси соҳавӣ, ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва таҳлили шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ ҳамчун шартномаи омехта, ба рушди илми ҳуқуқи маданӣ саҳми назаррас мегузорад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки пешниҳодоти муаллиф, дар бораи табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ, ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон, таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ бо имтиёзҳои андозбандӣ ва ҷорӣ намудани ризоияти электронӣ, метавонанд бевосита дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти дахлдор истифода шаванд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз методҳои муосири илмӣ, аз ҷумла, методҳои таҳлил, синтез, низомнок, таърихӣ ва ҳуқуқии муқоисавӣ ба даст оварда шудаанд. Эътимоднокии онҳо дар асоси омӯзиши васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ (Федератсияи Русия, Қазоқистон, Узбекистон, Туркия, Фаронса, Чин, Ҷопон), амалияи судӣ ва фаъолияти амалии ташкилотҳои сайёҳӣ таъмин карда шудааст.

Навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, хусусияти назариявӣ доранд, аз ҷумла, мафҳуми ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ, ҳуқуқ, ухдадориҳо, таҳлили шартнома ва ҷавобгарӣ дорад. Инчунин, хусусияти амалӣ пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ, суғурта, сертификатсия, минтақаҳои махсус дар автореферат пешбинӣ шудаанд. Қобили зикр аст, ки муаллиф дар нуктаи чаҳорум фарқи байни туроператор ва турагентро дар асоси вазифаҳо, масъулиятҳо ва ҳолати ҳуқуқӣ ба таври возеҳ муайян кардааст, ки барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳаммияти махсус дорад.

Дар таҳияи консепсияи таҳқиқот, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети он, ҷамъоварӣ ва таҳлили санадҳои меъёрӣ, амалияи судӣ, инчунин, дар таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодоти амалӣ ифода ёфтааст, ки аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳад.

Натиҷаи заҳматҳои илмии муаллиф дар мазмун ва муҳтавои фишурдаи риосла овардашуда, дар мақолаҳои маҷаллаҳои тақризшаванда мустақилона ба даст оварда ва нашр гардидаанд. Бо вуҷуди арзишмандии илмӣ ва амалии таҳқиқот, дар фишурдаи рисола баъзе мушкилот ба назар мерасанд:

Дар саҳифаи 13 автореферат муаллиф қайд менамояд, ки пас аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» дар соли 2017, тартиби додани иҷозатнома барои фаъолияти туроператорон ва турагентҳо аз байн бурда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф зикр мекунад, ки барои баъзе намудҳои фаъолият меҳмонхонаҳо, нақлиёти мусофиркашонӣ, сайёҳии кӯҳӣ дар минтақаҳои ҳифзшаванда ҳуҷҷатгузории расмӣ ва иҷозатномадиҳӣ нигоҳ дошта шудааст. Аммо муаллиф мавқеи худро дар бораи самаранокии идоракунии соҳаи сайёҳӣ – оё барои рушди соҳибкории хурду миёна содагардонии тартибҳо мусоидат кардааст ё баръакс, заифии назоратро ба вуҷуд овардааст – ба таври возеҳ иброз наменамояд. Дар рафти ҳимояи ошкорои рисола аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки мавқеи худро нисбат ба тавозуни байни содагардонии расмиёт ва назорати давлатӣ дар ин соҳа асоснок намояд.

Муаллиф дар қисми пешниҳодҳо ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператоронро пешниҳод мекунад. Аммо, дар автореферат таҳлили муқоисавии самаранокии суғуртаи ҳатмӣ дар муқоиса бо суғуртаи ихтиёрӣ, инчунин, таъсири эҳтимолии он ба нархи хизматрасониҳои сайёҳӣ ва бори молиявии туроператорони хурду миёна ба таври кофӣ инъикос наёфтааст. Тавсия дода мешавад, ки унвонҷӯ мавқеи худро нисбат ба ин ҷанбаҳо мушаххас намояд.

Мулоҳизаҳои дар боло зикршуда, аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба пуррагӣ ва сифатнокии фишурдаи рисола таъсири манфӣ намерасонад ва аз ҷиҳати илмию амалӣ анҷомёфта ва сазовори баҳои баланд мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат буда, муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**муовини сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, к. С.Абдуллоев, х.9/10.**
**Тел.: (+992) 900-12-00-55.**
**E-mail: mansoorovshj@mail.ru**

**Имзоро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ** **Сафарзода Файзали Сафар**
**«11» 06 соли 2026**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.**
**Тел.: (+992 37) 221-33-07.**
**E-mail: kadr.parlament.@mail.ru**